БАРГУЗОРИИ МИЗИ МУДАВВАР БАХШИДА БА РӮЗИ МОДАР ДАР ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

Имрӯз, 4 - уми марти соли 2026 дар толори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мизи мудаввар бахшида ба Рӯзи Модар таҳти унвони «Нақши бонувон дар рушди илму маорифи кишвар» баргузор гардид. Мизи мудавварро директори муассиса Ниёзӣ Сироҷиддин ифтитоҳ намуда, нақши занонро ҳамчун нерӯи созандаи ҷомеа муҳим арзёбӣ кард ва зикр намуд, ки онҳо дар тамоми ҷабҳаҳои зиндагӣ саҳми муассир гузошта, бахусус ҳамчун модар дар рушди тамаддуни миллӣ ва ҷаҳонӣ мақоми шоиста доранд. Таъкид шуд, ки таҷлили Рӯзи Модар дар даврони Истиқлолияти давлатӣ бо ташаббус ва дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон замина фароҳам овард, то занону духтарон мақому манзалати худро дар ҷомеа боз ҳам таҳким бахшанд. Дар идомаи чорабинӣ Иматзода Лутфия - мудири шуъбаи педагогика психология ва методикаи таълими пажӯҳишгоҳ, дар мавзуи «Мақоми зан-олима дар пешбурди илму маориф» маъруза намуда, саҳми занони зиёиро дар рушди таҳқиқоти илмӣ ва омодасозии кадрҳои баландихтисос муҳим арзёбӣ кард. Ҳамчунин, Шарифиён Муқаддас – ходими пешбари илмии шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии муассисаи мазкур, дар мавзуи «Нақши зан-омӯзгор дар тарбияи фарзанд» баромад намуда, аҳамияти нақши модар ва омӯзгорро дар ташаккули арзишҳои маънавӣ, ҷаҳонбинӣ ва тарбияи насли наврас таъкид намуд. Дар идомаи мизи мудаввар кормандони илмии муассиса Д. Имомназаров ва С. Амонӣ баромад намуда, таъкид доштанд, ки дар замони соҳибистиқлоли кишвар зери сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавқе ва мақоми занони бомарифат боло рафта, дар баробари мардон кору фаъолияти пуорсамару назаррас доранд. Мизи мудаввар бо мубодилаи афкор ва музокироти судманд идома ёфта, дар фарҷом аз натиҷаҳои он хулосабарорӣ гардид.

РУЗИ МОДАР
МУБОРАК!
8 МАРТ